# Alternativa Film Labs як даври нави таълимиро дар Осиёи Марказӣ оғоз намуда, марҳилаи қабулро ба барномаи Development Lab эълон менамояд

Яке аз самтҳои асосии лоиҳаи ғайритиҷоратии Alternativa Film Project - ин барномаҳои ройгони таълимии **Alternativa Film Labs** барои синамогарон дар марҳилаҳои гуногуни пайроҳаи худ мебошад, ки ба рушди соҳаи синамои кишвари худ таваҷҷӯҳ доранд, мушкилоти иҷтимоии маҳаллиро меомӯзанд ва баҳри шунаво гаштани садои ҷамоатҳои маҳаллӣ имконият фароҳам меоваранд. Соли 2024 бори дигар дар Осиёи Марказӣ намоишгоҳи Alternativa Film Labs баргузор мегардад, ки аз се лабораторияи синамо иборат хоҳад буд: Teen Lab (тобистон дар Тошканд), Impact Lab (тирамоҳ дар Бишкек) ва Development Lab. Open call барои иштирок дар Developmeny Lab санаи **1 март** кушода шуда, то 28 апрел давом мекунад.

Лабораторияи эҷодии Development Lab барои синамогарони Осиёи Марказӣ пешбинӣ шудааст, ки мехоҳанд малакаҳои сенариянависӣ ва продюсерии худро такмил диҳанд ва робитаҳои нави касбиро ба роҳ монанд. Ҳадафи лаборатория таҳияи лоиҳаи филм бо мақсади муаррифии минбаъдаи он ба шарикони эҳтимолӣ ва муассисаҳои байналмилалии синамо, инчунин фармоишгарон ва истеҳсолкунандагони минтақа мебошад.

Омӯзгорони **Development Lab** мутахассисони пуртаҷрибаи соҳаи синамо, ки дорои малакаву таҷрибаи ғании ҳамин соҳа мебошанд, аз директорони фестивалҳои байналмилалӣ то продюсерҳои муваффақ ва коршиносони байналмилалӣ. Масалан, дар байни онҳо Мириам Сассин (Лубнон) - продюсери ширкати синамои Abbout Productions, коргардон ва омузгори Институти синамои Доха мебошад.

Development Lab барномаҳои таълимиро дар ду самт пешниҳод мекунад: **бахши продюсерӣ ва бахши сенариявӣ**. Бахши продюсерӣ ба таҳияи лоиҳа аз консепсия то маҷмӯи пурраи ҳуҷҷатҳо барои дарёфти маблағгузории байналмилалӣ ва минтақавӣ бахшида шудааст. Бахши сенариявӣ – коркарди пурраи сенарияи филми бадеӣ аз марҳилаи аввал то матни тайёр. Бахшҳо дар як вақт баргузор мешаванд ва аз се модул иборатанд: якум дар аввали моҳи июн дар ш.Бухоро (Ӯзбекистон), дуюм – ба таври онлайн дар охири моҳи август, ниҳоӣ - охири моҳи октябр дар Алмаато (Қазоқистон) баргузор мешавад.

Дар Development Lab синамогарони Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон бо лоиҳаҳои филмҳои бадеии нақшавӣ дар марҳилаи аввали таҳия метавонанд ширкат варзанд. Илова бар ин, ҳар як бахш барои онҳое, ки ҳанӯз лоиҳаи филм надоранд, аз ҷумла муаллифони соҳаҳои адабиёт, журналистика, драматургия, санъати визуалӣ ё видеоблогинг, ки мехоҳанд дар соҳаи синамо қувваи худро санҷанд, имконият фароҳам оварда мешавад. Чунин иштирокчиён дар лоиҳаҳои ҳамкорон кор хоҳанд кард. Ҳамагӣ дар лаборатория на бештар аз 20 нафар (на бештар аз 10 нафар дар ҳар бахш) иштирок карда метавонанд. Барнома хароҷоти сафар то ба макони гузаронидани модулҳо ва хароҷоти манзилро пардохт мекунад. Маълумоти пурра дар бораи талабот ба иштирокчиён ва лоиҳаҳои онҳо дар сомонаи alternativa.film нашр шудааст.

Натиҷаҳои интихоб ба лабораторияи Development Lab санаи **16 май** эълон карда мешаванд.

**Анна Гудкова, роҳбари Alternativa Film Labs**: «Барномаҳои дарозмуддати омӯзишӣ унсури асосӣ, муҳимтарин ва системавии ташаббусҳои таълимии мо мебошанд. Дар доираи Development Lab мо якбора якчанд мушкилотро ҳал мекунем. Мо на танҳо ба синамогарони боистеъдод аз Осиёи Марказӣ имконият фароҳам меорем, ки малакаҳои сенариянависӣ ва продюсериро инкишоф диҳанд, балки муҳити касбиро ташаккул медиҳем: муаллифон метавонанд барои дарёфти сарпарастон аз байни продюсерони ширкаткунанда пайдо кунанд, продюсерони ширкаткунанда бошанд метавонанд бо лоиҳаҳое, ки дар лаборатория эъҷод мешаванд бодиққат ба онҳо назар афкананд. Унсури бениҳоят муҳими барнома ин питчинги лоиҳаҳо мебошад, ки мо нақша дорем, ки ба онҳо коршиносонро аз соҳаи синамои ҷаҳонӣ даъват кунем, онҳо дар бахши муаррифӣ е худ призентатсия ба таври мустақим ё онлайн ширкат хоҳанд кард. Ҳамин тавр, мо мехоҳем, ки иштирокчиёнро аз кишварҳои мухталифи минтақа дар як ҷомеаи қавӣ муттаҳид созем ва филмҳои ояндадори мавҷи нави синамои Осиёи Марказиро барои истеҳсол омода намоем».

---

Alternativa Film Project - як лоиҳаи байналмилалии ғайритиҷоратӣ аст, ки аз ҷониби ширкати ҷаҳонии технологии inDrive соли 2023 дар Осиёи Марказӣ роҳандозӣ шудааст. Лоиҳа бо мақсади дастгирӣ ва пешбурди синамогарони соҳаи синамои рӯ ба тараққиёт ниҳода таъсис дода шудааст, ки рисолати он баланд бардоштани сатҳи эҷодкорон дар арсаи байналхалқии мебошад, ки корашон метавонад фаҳмиши моро дар бораи ҷаҳон васеъ гардонида, онро ба самти беҳтар тағйир диҳад, бо захираҳои барои рушди касбӣ таъмин намояд, ҳамчунин баҳри рушди соҳаи синамои маҳаллӣ ва ҷомеаҳо таккони ҷиддӣ бахшад.

Alternativa Film Labs барномаҳои таълимии ройгон барои синамогарон мебошанд, ки омӯзиши малакаҳо ва воситаҳои дар филмсозӣ ва ташаббусҳои иҷтимоиро фароҳам меоранд, ки ба эҷодкорон дар таҳкими лоиҳаҳои худ, васеъ кардани аудитория ва нақл кардани ҳикояҳои муҳиме, ки аз сабаби номукаммал будани дониш ё норасогии захираҳо дар экран намоиш дода нашудаанд, кӯмак мекунанд. Соли 2023 аз ҷониби дастаи Alternativa Film Labs дар Алмаато импакт-лаборатория (Impact Lab) ва онлайн омузиш оид ба питчинг (Pitching Training) барои продюсерҳо ва коргардонҳои Осиёи Марказӣ, инчунин омузиш дар самти қадамҳои аввалини ба даст овардани донишу малакаҳои амалии соҳаи синамо барои наврасон дар ш.Бишкек (Lab. Teen) гузаронида шуд.

Муаллимон ва мураббиёни (тюторони) барнома Марге де Кениг, арт-директори фестивали байналмилалии синамо Movies that Matter дар Гааге, бахшида ба филмҳо дар бораи ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои иҷтимоӣ; Даниэл Турков, муассиси медиа-ширкати Think-Film Impact Production; Вим Ванакер, узви кумитаи интихобии озмуни филмҳои кӯтоҳмуддат дар фестивали Канн, коршинос оид ба питчинг.

Ғолибони Alternativa Film Labs 2023 барои муаррифӣ ва таҳияи лоиҳаҳои худ дар доираи European Film Market ба Берлин сафар карданд: Даниел Бергер иштирокчии Барномаи Fiction Toolbox Programme гардид, Бану Рамазонова иштирокчии Барномаи Doc Toolbox Programme; Диана Жилкенова ва Элер Неъмат дар European Film Market соҳиби аккредитатсия шуданд ва Ассел Аушакимова, барандаи Alternativa Impact Lab дар питчинги Talent Project Market дар Берлинале ҷои дуюмро ишғол кард.

---

**Алоқаҳои ВАО**

Анна Васильева anna.vasilyeva@alternativa.film